**«Тасдиқ мекунам»**

Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», профессор Шодиён М.С.

________________

«02» декабри --------2019 с

# ХУЛОСАИ

## кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

ба диссертатсияи Салимиён Озар Саидзод дар мавзӯи «Таҳқиқ ва баррасии мафҳуми ғам ва авомили ғамбарангез дар маснавиҳои Бедил», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» омода гардидааст.

Муаллифи диссертатсия сардабири маҷаллаи «Мактаб»-и Раёсати маорифи вилояти Хатлон, ҳамзамон котиби масъули бахши бохтарии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад.

Мавсуф соли 1998 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Давоми солҳои 2009-2012 дар шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Бохтар (Қӯрғонтеппа) ба номи Носири Хусрав аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – адабиёти халқҳои мамолики хориҷӣ (адабиёти тоҷик) таҳсил кардааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ (забони хориҷӣ аз 26.11.2016 бо баҳои «хуб», таърих ва фалсафаи илм аз 30.05.2017

бо баҳои «аъло») тахти №17-28 аз тарафи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дода шудааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Тағоймуродов Рустам мебошад.

Мавзӯи диссертатсияи Салимиён Озар дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар аз 31.10.2016, суратмаҷлиси №3 тасдиқ гардидааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсия ба таҳқиқу баррасии мафҳуми ғам ва авомили ғамбарангез дар маснавиҳои Мирзо Абдулқодири Бедил бахшида шуда, дар сатҳи хуби илмӣ-назариявӣ таълиф ёфтааст.

Мирзо Бедил аз ҷумлаи чеҳраҳои намоёни адабиёти форсӣ-тоҷикӣ буда, паҳлуҳои гуногуни рӯзгору осори ӯ аз дер боз диққати муҳаққиқони ватаниву хориҷиро ба худ машғул доштааст. Бо вуҷуди ин ҳастанд масъалаҳои зиёде, ки ба таҳлилу баррасии ҷиддитар ниёз доранд, барои мисол ҳанӯз ҷойгоҳи ғам дар ашъор, бахусус маснавиёти ӯ, аз мавзӯоти дастнохӯрда ба ҳисоб меравад ва таҳқиқоти Салимиён Озар аз нахустин саъю кӯшишҳои ҷиддӣ дар ин самт мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боби асосӣ бо дарбаргирии зербобҳои мувофиқ, хулоса, номгӯи сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот** ба таври мукаммалу муфассал таҳлилу баррасӣ намудани мафҳуми «ғам» ва авомили ғамбарангез дар маснавиҳои Мирзо Абдулқодири Бедил мебошад. Бо дарназардошти фарогирии масъалаи ёдшуда, собиқаи таърихии мавзӯи ғам дар асотиру адён, осори илмӣ ва адабиёти бадеии форсу тоҷик низ то як андоза мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст.

Мундариҷаи диссертатсия ба талаботи таҳқиқоти соҳавӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – адабиёти тоҷик мувофиқат мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ мустақилона дар асоси таҳлили ҳаматарафаи осори баландпоя ва гаронмояи Мирзо Абдулқодири Бедил,

махсусан маснавиёти ӯ, сурат гирифта, инчунин барои мувофиқи талабот иҷро намудани кори илмӣ муаллиф аз манбаъҳои зиёди илмиву адабии дигар низ истифода намудааст.

Асоси назарӣ ва методологии таҳқиқоти мазкурро усулҳои таҳқиқи муқоисавию таърихӣ, татбиқӣ, қиёсӣ ва дигар усулу равишҳои таҳлили матни адабӣ ташкил додаанд. Муаллиф дар ҷараёни навиштани диссертатсия ба афкори назарӣ ва таҳқиқоти донишмандони ватанию хориҷӣ, аз қабили Р. Николсон, Е.Э. Бертелс, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Маликушшуаро Баҳор, Бадеуззамони Фурӯзонфар, Забеҳуллоҳи Сафо, Қосими Ғанӣ, Алиасғари Ҳикмат, Шафеии Кадканӣ, Ҳасани Ҳусайнӣ, Халилуллоҳи Халилӣ, С. Айнӣ, Ш. Ҳусейнзода, А. Сатторзода, Х. Шарифзода, А. Насриддин ва дигарон такя кардааст.

**Навоварии илмии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки мавзӯи мавриди назар бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик ҳадафи таҳқиқоти мушаххас ва ҳамаҷониба қарор дорад. Маълум аст, ки бо вуҷуди аз муҳимтарин мавзӯоти шеъри форсӣ будани мавзӯи ғам он то ба имрӯз мавриди таҳқиқу баррасии густурда қарор нагирифтааст ва барои ҳалли ин масъалаи муҳимми илми адабиётшиносӣ аз ҷониби донишмандони тоҷик кӯшиши ҷиддие ба назар намерасад. Гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Салимиён Озар аз аввалин иқдомотест, ки барои рафъи ин камбуду норасоиҳои илми адабиётшиносии тоҷик то як андоза мусоидат менамояд.

**Аҳамияти назариявию амалии таҳқиқ** дар он аст, ки натиҷаҳои бадастовардаи диссертант зимни таҳқиқу пажӯҳиши масоили гуногуни адабиёти бадеӣ, бахусус таҳқиқи ҷанбаи равоншинохтии осори адабӣ, мусоидат намуда, барои таҳқиқи минбаъдаи масоили равоншиносии адабиёти бадеӣ роҳ ҳамвор мекунад. Маводи онро ҳангоми навиштани китобҳои дарсии таърихи адабиёти тоҷикии форсӣ барои мактабиён ва донишҷӯён, таълифи рисола ва мақолаҳои илмӣ оид ба таърихи адабиёт метавон истифода кард. Инчунин донишҷӯёни факултаи филологияи тоҷик ҳангоми навиштани корҳои курсӣ ва дипломӣ аз маводи рисола мустафид буда метавонанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 7 мақолаи илмии диссертант, аз ҷумла 4 мақолае, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд, ифодаи худро ёфтаанд.

[1-М] Салимов М.С. Шоире бо ашъор ва рӯзгори муаммоӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ). – Қӯрғонтеппа, 2017. – №1/3 (47). – С. 10-17.
[2-М] Салимов М.С. Ғами ғурбат аз нигоҳи Бедил // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ). – Бохтар, 2018. – №1/2 (53) – С.37-40.
[3-М] Салимов М.С. Ғамҳои гурезнопазир дар маснавиҳои Бедил // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ). – Бохтар, 2019. – №1/3 (65) – С.78-82.
[4-М] Салимиён О.С. Ғамҳои гурезпазир дар маснавиҳои Бедил // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ (бахши илмҳои филологӣ). - Душанбе, 2019. – №8. – С. 205-207.
[5-М] Салимов М. (Озар). Ғами худшиносӣ дар осори Бедили Деҳлавӣ ва Иқболи Лоҳурӣ // Маҷаллаи “Рӯдакӣ”. Фаслномаи пажӯҳишҳои забонӣ ва адабӣ дар Осиёи Миёна. Давраи 16. Шумораи 45. Пойиз ва зимистони 1399. – С. 61-75.
[6-М] Салимов М.С. Мавзӯи адолат дар ашъори Бедил // Маҷаллаи таълимию маърифатии “Мактаб”. – Душанбе, 2017. - №9. – С. 45-48.
[7-М] Салимов М.С. Бедил ва муҳити адабии замони ӯ // Маҷаллаи таълимию маърифатии “Мактаб”. – Душанбе, 2018. - №4. – С. 39-41.

Ҳангоми муҳокимаи диссертатсияи номзадии Салимиён Озар ба ду ҷанбаи он ҳамчун ҷанбаи норасоӣ ишора шуд, ки яке ба мукаммалтар намудани дараҷаи омӯзиши мавзӯъ ва дигаре ба ҷо доштани ғалатҳои имлоиву китобат дахл доштанд. Бо дарназардошти эътирофи ин норасоиҳо ва бартараф намудани онҳо аз тарафи муаллифи диссертатсия ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав диссертатсияи мазкурро чун кори илмии мукаммал ва анҷомёфта эътироф менамояд.

Диссертатсияи Салимиён Озар дар мавзӯи «Таҳқиқ ва баррасии мафҳуми ғам ва авоимили ғамбарангез дар маснавиҳои Бедил» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик тавсия дода мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав қабул шудааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд 16 нафар, аз онҳо «тарафдор» 16 нафар, «муқобил» нест, «бетараф» нест, суратмаҷлиси № 4 аз 30.11.2019.

Раиси маҷлис:
Мудири кафедраи адабиёти тоҷик,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Аҳмадов С.Г.

Котиб: саромӯзгор Маҳмадалиева М. Р.

Имзои С.Г. Аҳмадов ва М. Р. Маҳмадалиеваро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳои
ДДБ ба номи Носири Хусрав: Амиршоев А.А.